Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-005
назди Института таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А.Дониши
Академиям миллии илмҳои Чумҳурии Тоҷикистон
(734025, Чумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 33)
www.institute-history.tj

**Тақризи муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент Ортиқов Абдурафиқ Абдраманжанович ба диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

## Муҳим будани омӯзиши мавзӯъ

Абдулғанӣ Мирзоев ба илми шарқшиносӣ солҳои 40-50-ум асри гузашта ворид гардида ба ҳайси муаррих, адабиётшинос, забоншинос, файласуф, фолклоршинос, мунаққид дар илми тоҷик саҳми босазо гузоштаст. Академик А.Мирзоев дар тӯли фаъолияти илмии худ беш аз 400 рисола, китоби дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ навишта, ин фаъолияти пурмаҳсули илмии академик А.Мирзоев ба як мактаби илмию омӯзишие табдил ёфт, ки аз он бисёр наслҳои олимон бахра гирифтаанд ва дар оянда низ аз он баҳраманд хоҳанд шуд.

Академик А.Мирзоев бо дарназардошти ин ки осори таърихии гузаштаро хуб медонист, аз ин рӯ ҳангоми баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама ба таърихи он замон назар мекард, пешрафту ақибмонии ҳаёти адабию фарҳангиро аз ҳодисаҳои сиёсии замон мечуст ва хеле муваффақона онҳоро таҳлил менамуд. Академик А.Мирзоев чун муҳаққиқи дақиқназар собит сохт, ки омӯзиши масоили таърихи фарҳанги ин ва ё он даври мардуми тоҷик бе таҳқиқи бунёдӣ ва дарки масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он имконнопазир аст. Бинобар ин А.Мирзоев баъд аз омӯзиш ва таҳлили комили як давраи таърихӣ иқдом ба навиштани шарҳи ҳол ва мероси адабии ин ва ё он шоир менамудд. Ин услуби таҳқиқ, ки А.Мирзоев онро дар адабиёти тоҷик асос гузошт, минбаъд аз ҷониби

олимон чун меъёри таҳқиқи илмӣ қабул гардид ва то кунун идома дорад. Чунин услуби пажӯҳиш буд, ки теъдоди зиёде аз адабиётшиносони тоҷик дар омӯзиши мавзӯъҳои таърихӣ муваффақ гардиданд.

Ин ва дигар масъалаҳо муҳим будани диссертатсияи мазкурро муайян намуда, аз ҷумла муаллиф кӯшидааст таҳқиқоти дар илми таърихи халқи тоҷик офаридаи академик А.Мирзоевро, ки то ба кунун мавриди баррасии таърихнигорон қарор нагирифтаанд, омӯхта, ҷойгоҳи олимро, ки бешубҳа дар радифи таърихнигорони шинохта қарор дорад, муайян созад.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Диссертатсияи Ахмедов Ф.Ҳ. аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Боби якуми диссертатсия «Академик А. Мирзоев олими барҷаста ва созмондеҳи илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистон»** унвон дошта, дар зербоби аввали он диссертант марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва фаъолияти кории академик А.Мирзоев ва саҳми ӯро дар созмондеҳии илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон ба риштаи таҳлил кашидаст. Дар баррасии ин масъала диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки фаъолияти кории академик А.Мирзоев бисёр ғанӣ ва ибратомӯз буда, олим на танҳо дар ташаккули шахсияти хеш талошҳо карда, ба унвонҳои баланди илмӣ сазовор гардид, инчунин дар раванди таъсиси муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ дар Тоҷикистон ва тарбияи насли нави муҳаққиқони тоҷик ширкат варзида, аз шахсиятҳои муҳим дар илми шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар зербоби дуюми диссертатсия «Академик А.Мирзоев созмондеҳи илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон» муаллиф қайд мекунад, ки аз соли 1958 дар Шуъбаи шарқшиносии назди Раёсати АФ РСС Тоҷикистон бо сарварии А.Мирзоев мутахассисони зиёди варзида тарбия ёфта, доираи фаъолияти шуъба густурдатар мегардад ва ин боис мешавад, ки соли 1970 Шуъба ба Институти шарқшиносии Тоҷикистон табдил ёбад. Институти шарқшиносии Тоҷикистон дар замони роҳбарии академик А.Мирзоев ба яке аз марказҳои муҳими шарқшиносии Иттифоқи

Советӣ табдил меёбад. Ҳамчунин муаллиф дар ин зербоб таъкид менамояд, ки А. Мирзоев аз зумраи он донишмандони хеле камшумори соҳаи илмҳои гуманитарии Шӯравӣ мебошад, ки асарҳояш дар кишварҳои хориҷа - Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Франсия, Чехославакия ва Югославия бештар чоп шуданд. Масалан дар Эрон рисолаҳои «Абӯабдуллои Рӯдакӣ» ва «Абӯисҳоқ» ба табъ расида, беш аз 30 мақолаи ӯ дар маҷаллаи «Воҳид», «Паёми навин», «Эроншиносӣ», «Роҳнамои китоб», «Маҷмӯаи Донишгоҳи Машҳад» ва «Бунёди фарҳанги Эрон» чоп шуданд. Асарҳои таҳиянамудаи А. Мирзоев «Тазкирату-ш-шуаро»-и Ҷаҳонгир соли 1976 ва «Хотироти Мутрибӣ» соли 1977 дар Покистон нашр гардиданд.

Дар боби дуюми рисола **«Саҳми академик А. Мирзоев дар рушди илми таърихнигорӣ дар Тоҷикистон»** муаллиф масъалаҳои академик А.Мирзоев ҳамчун муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик, бозтоби масоили таърихи сиёсии давлати Сомониён дар осори академик А.Мирзоев, инъикоси рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри асри XVI дар асарҳои академик А.Мирзоев, баррасии масоили таърихии асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и академик А.Мирзоев ва инъикоси воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX-и аморати Бухоро дар осори Аҳмади Дониш ва баррасиҳои онҳо аз тарафи академик А.Мирзоевро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Бояд қайд кард, муаллиф дар боби дуюм кӯшидааст фаъолияти академик А. Мирзоевро ҳамчун роҳбари муассисаи илмӣ ба тадриҷ кушояд.

Солҳое, ки А.Мирзоев роҳбарии Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёти филиали Тоҷикистонии АФ СССР-ро ба зимма дошт (1947-1951), омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик оғоз мешавад. Фаъолияти ин институт дар ин давр асосан ба идомаи омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи таърих ва мероси фарҳангии халқи тоҷик равона шуда буд. Академик А. Мирзоев чун роҳбари институт ба муаррихон ва бостоншиносон бо дарназардошти имконоти он замон шароит муҳайё месозад, ки омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба таври бояду

шояд идома ёбад. Ин буд, ки экспедитсияи бостоншиносии суғдӣ-тоҷикиро, ки А.Ю.Якубовский (1886-1953) роҳбарӣ мекард, барояш муяссар шуд, ки гурӯҳи калони бостоншиносон ва шарқшиносонро ҷамъ оварад ва корҳои муҳими илмӣ-таҳқиқотиро дар Тоҷикистон анҷом диҳанд.

**Навоварии илмии тахқиқот ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада**

Дар диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович мавзӯи мазкур бори нахуст ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ба исбот расонидааст, ки академик А.Мирзоев он роҳи илмиеро паймуд, ки тавонист мактаби илмии худ ва шарқшиносии тоҷикро таъсис ва ташаккул диҳад. Дар рисола ба таври маҷмӯӣ раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии академик А.Мирзоев, нақши ӯ дар таҳлил ва тавзеҳи масоили таърихӣ ва баррасии таърихи фарҳанги халқи тоҷик нишон дода шудааст. Ба таври воқеӣ нақши мактаби илмии академик А. Мирзоев ва саҳми шахсии ӯ дар муаррифии манобеи таърихӣ ба таври барҷаста дар рисола баён шудааст. Исбот гардидааст, ки хулосаҳои илмии академик А.Мирзоев роҷеъ ба масоили таърихи асри миёна ва пасини халқи тоҷик ҳанӯз ҳам аҳамияти хешро дар доираҳои илмӣ ҳифз мекунад;

Барои омӯзиши минбаъдаи мероси илмии академик А.Мирзоев, ки метавонанд дар омӯзиши таърих ва муаррифии сарчашмаҳои таърихӣ хидмат кунанд, аз ҷониби диссертант пешниҳодҳо шудааст.

Дар диссертатсия ҳангоми пажӯҳиш аз равиши умумӣ ва махсус, ки ба меъёрҳои айният (объективизм) ҷавобгӯ ҳастанд, диссертант кор гирифта, барои муқаррар кардани шабоҳат ва тафовути масоили мавриди таҳқиқ аз равиши татбиқӣ -муқоисавӣ истифода ба амал омадааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он хулоса мешавад, ки бори нахуст дар асоси манобеъ ва маводи воқеии гуногун осори дар илми таърих офаридаи академик А.Мирзоев ба таври ҷамъбастӣ

таҳлил мегарданд. Натиҷаи таҳқикро метавон ба ҳангоми баррасиҳои таърихии ин ва ё он даври таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин барои навиштани энсклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода кард.

## Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот

Дар баробари дастовардҳои чашмраси илмӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар расид, ки боиси зикр аст:

1. Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқотро муаллиф ба чаҳор гурӯҳи муҳим тақсим кардааст, ки дар миёни онҳо бойгонии шахсии академик А.Мирзоев ба назар намерасад. Истифода аз бойгонии шахсӣ, ки дар он мукотиботи муаллиф бо донишмандони маъруф чун С.Айнӣ, академик Б.Ғафуров, академик А.Семёнов ва дигарон, ки бояд мавҷуд буда бошанд, раванди таҳқиқи баъзе масъалаҳои баҳсталаби таърихи халқи тоҷикро бештар равшан месозад. Дар зимн бояд гуфт, ки аз бойгонии А.Семёнов ду номаи академик Мирзоевро диссертант мавриди омӯзиш қарор додааст, аммо ҷавобҳои А.Семёнов ба А.Мирзоев норавшан боқӣ мондаанд.

2. Яке аз корҳои бузурге, ки академик А.Мирзоев анҷом додаст, ин ҷамъоварии осори хаттӣ ва омӯзиши онҳо мебошад. Дар рисола диссертант танҳо бо номбар кардани онҳо иктифо карда, ба таври мушаххас, дар алоҳидагӣ аҳамияти онҳо барои омӯхтани таърих ва адабиёти классикии тоҷику форс баён нашудаанд.

3. Дар матни диссертатсия гоҳу гузоре ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

## Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида

Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқотро пурра ифода менамояд. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев» аз рӯи ихтисоси ихтисоси 07.00.09 –

таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ такмилшуда ҳисоб ёфта, муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар раванди таҳқиқ бо муваффақият ҳаллу фасл намудааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифро метавон барои дар пояи баланд бардоштани сатҳи маърифату дониши шаҳрвандон ва дар тарбияти таваҷҷуҳ ба касби илм намудани ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол муассир истифода намуд.

Мавзӯи диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои истифода шуда ба ҳангоми таҳқиқ ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф бо ихтисоси интихобнамудаи ӯ мувофиқат менамоянд. Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти мухтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллиф метавон натиҷагирӣ кард, ки Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи таърихи ватании
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент
/________________/ Ортиқов Абдурафиқ Абдраманжанович

23 апрели 2021

Имзои дотсент Ортиқов А.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон
/________________/ Давлатов Х.Х.

734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30